# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ"
**аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №_____________**

*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 29.06.2023с. № 15*

## БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ҲАЙДАРОВА МАВЗУНА МАҲМУДҶОНОВНА, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)

Диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ», дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №12 аз 19-уми апрели соли 2023 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна соли 2006 факултети фанҳои табии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"-ро бо ихтисоси муаллимаи фанни биология ва соли 2017 магистратураро бо ихтисоси геоэколог хатм намудааст. Дар давраи омодагӣ ба таълифи диссертатсия М.М. Ҳайдарова ба сифати сармуаллимаи кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология ва унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият бурдааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - Сабурӣ Хайрулло Мирзозода, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-ии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муқарризони расмӣ:**

**Давлатзода Ҷамила** – доктори илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Ҳисор.

**Ахророва Гулчеҳра Усмоновна -** номзади илмҳои филогогӣ, дотсент, муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 19-уми майи соли 2023 (суратмаҷлиси №9б), ки онро ректори муассиса доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Х. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла қайд намудааст, ки "Исбот карда шудааст, ки иқтидори педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ - саҳроӣ ва комплексӣ воситаи муҳимми ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ тавассути якдигарро пур

кардани захираҳо ва имконниятҳои мувофиқи маърифатӣ мебошад...

Ҳамзамон тасдиқ карда шудааст, ки модели сохторӣ ва вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва вазифаҳоро инъикос мекунад, аз рӯи мундариҷаи муносибат ва принсипҳои фаъолнок муқаррар карда мешавад, мантиқан марҳиланокиро ҷиҳати ба даст овардани натиҷа талаб менамояд, роҳандозии механизми якҷояи арзишӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи ташаккули падидаи омӯхташаванда пешбинӣ карда шавад. Ҳамчунин исбот карда шудааст, ки шартҳои педагогии зимни таҳлили назариявӣ ва ҷараёни корҳои озмоишӣ муайян гардида ҳамчун омили батанзимдарорандаи майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш мусоидат менамоянд".

Дар маҷмӯ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз маъхазҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Ҳамзамон автореферати диссертатсия ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 25 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» ба талаботи банди 61, 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва банди 74, 75-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

[1-М] Ҳайдарова М.М., Дадобоева Н.Н. Таъсири омилҳои экологӣ ба саломатии аҳолӣ //Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, № 4 (34). – Хуҷанд, 2013. С.70-74. ISSN 2077-4990.

[2-М] Ҳайдарова М.М., Дадобоева Н.Н., Дадобоев Н. Совершенстаование содержания экологических понятий и их толкования в произведениях мыслителей таджикского народа. //Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, № 1(40). – Хуҷанд, 2017. С.272-278. ISSN 2077-4990.

[3-М] Ҳайдарова М.М. Дадобоева Н.Н. Накши таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексии географӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстии донишҷӯён //Номаи

донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ № 1 (66). –Хуҷанд, 2021. С. 203-2011. ISSN 2077-4990.
[4-М] Ҳайдарова М.М. Динамикаи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ. // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. №4 (36), Душанбе 2021. С. 138-145. ISSN 2617-5620.
[5-М] Ҳайдарова М.М. Тадбиқи шароитҳои педагогии ташаккули ҳисси ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ. //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ № 4 (41) -Душанбе, 2021. С. 88-95. ISSN 2222-9809.
[6-М] Ҳайдарова М.М. Аҳамияти иншоотҳои партобтозакунӣ дар ҳалли мушкилоти экологии кишвар. //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Муҳофозати олами ҳайвоноти Ҷумҳурии Тоҷикистон" Душанбе -2017. С. 118-121
[7-М] Ҳайдарова М.М. Тарбияи ватандӯстии хонандагон дар дарсҳои география. // Маҷаллаи "Маорифи Тоҷикистон" № 11. -Душанбе 2018. - С.45-47.
[8-М] Ҳайдарова М.М. Воздействие изменения климата на природные экосистемы. //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор 2018-2028" . -Хуҷанд, "Нури маърифат-2018". -С.337-340.
[9-М] Ҳайдарова М.М. Глобальное потепление и его влияние на последствие высыхания Аральского моря. //Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ "Омилҳои гидроиқлимии истифодаи захираҳои обӣ" бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028", шаҳри Хуҷанд, 30-31.03. 2019. - Хуҷанд, Нури маърифат, 2019. -С.137-140.
[10-М] Ҳайдарова М.М. Ҳунарҳои мардумӣ муаррифгари фарҳанги тоҷикон. // «Паёми донишкада», маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Паёми Пешвои миллат - оинаи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва мадании Тоҷикистон", ДОТ дар шаҳри Панҷакент, 19.03.2019, №1/1, нашрияи "Махзани илм"-и ДОТ дар шаҳри Панҷакент, 2019. - С.314-320.
[11-М] Ҳайдарова М.М. Такомули раванди иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯён (КМД) ва мавқеи он дар мустаҳкамсозии донишҳои назариявӣ. //Маҷаллаи "Роҳнамои омӯзгор". - № 3. –Хуҷанд, Нури маърифат, 2020. – С.39-46.
[12-М] Ҳайдарова М.М. Физиологияи растаниҳо (дастури методӣ барои машғулиятҳои лабораторӣ). - Хуҷанд, нашриёти "Нури маърифат" 2020 - 56с.
[13-М] Ҳайдарова М.М. Таҷрибаомӯзии таълимии саҳроӣ аз фанни экология. - Хуҷанд, Нури маърифат, 2021. - 66с.
[14-М] Ҳайдарова М.М. Нақши таҷрибаомӯзии таълимӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён (монография). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 150с.

***Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:***

**Тақризи 1.** Нуъмонов Мансур- узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат буда, 3 эрод ҳамчун тавсия пешниҳод шудааст.

**Тақризи 2. Қодиров Бахтиёр Розикович.-** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи табиатшиносӣ ва фанҳои умумии филиали Борисоглебии Донишгоҳи давлатии Воронежи Федератсияи Руссия. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

**Тақризи 3. Казакбай Юлдашев -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбек ба номи Алишер Навоии шаҳри Тошкент. Тақриз мусбӣ аст, эрод надорад.

**Тақризи 4. Каримзода Мирзо Бадал -** доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

**Тақризи 5**. Тақриз аз ҷониби 3 нафар - **Асадов Максуд Ҳусенович -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи адабиёти ӯзбеки Институти забон, адабиёт ва

фолклори ӯзбеки АИҶӮ, **Баракаев Раҳматулло** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёти ӯзбеки асри XX Институти забон, адабиёт ва фолклори ӯзбеки АИҶӮ ва **Очилов Эргаш Зокирович** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ходими калони илмии шуъбаи назарияи адабиёт ва робитаҳои адабии Институти забон, адабиёт ва фолклори ӯзбеки АИҶӮ, профессор Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновнаро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 19-уми апрели соли 2023, №12, тибқи талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- Пеш аз ҳама, муҳтавои мафҳуми "арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён" дақиқ муайян карда шудааст;
- Иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ аниқ карда шудааст.
- Шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ асоснок гардидааст;
- Модели сохторӣ – вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ аз озмоиш гузаронида шудааст;
- Коркарди таъминоти илмӣ - методии ҳалли муаммои гузошташуда, бо натиҷагирӣ ва тавсияҳои илмӣ-методӣ пешниҳод шудааст;
- Мубрамияти муносибати ташаккули майлу рағбат ба арзишҳои ватандӯстӣ аз дидгоҳ илми педагогию психологӣ дар таълифоти олимони хориҷиву ватанӣ муайян карда шудаанд;

***Асосҳои методологии таҳқиқотро*** муқаррароти фалсафӣ дар бораи моҳияти арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён, шахсият ва муқаррароти асосии муносибати фаъолноки Н.Н.Баранский, В.Д.Войлошников, Л.С.Виготский, К.В.Пашканг, С.Л.Рубинштейн, ки шаклҳои гуногуни ташкили таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексиро мувофиқ ба хусусиятҳои донишҷӯёни муосир, инкишофи арзишҳо, рафтор ва хислатҳои онҳо дар доираи муносибатҳои ҳамарӯзаи онҳо нисбат ба Ватан зоҳир мегардад; муқаррароти илман асосноки педагогӣ ва равонии синнусолӣ оид ба моҳият ва қонуниятҳои инкишофи донишҷӯён ташкил медиҳад.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки натиҷаи корҳои озмоишӣ дар васеъ гардидани донишҳои назариявӣ оид ба раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳӣ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки дар ҷамъи алоқаҳои дохилӣ ва берунаи нишондиҳандаҳои меъёрии ҷузъҳои он: маърифатӣ; ҳиссиётӣ; фаъолнокӣ дар амал инъикос мегардад, саҳми назаррас дорад;

- таснифоти таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар асоси хусусияти омӯзиш коркард шудааст;

- ҷой доштани мушкилоти ташкилӣ – таълимӣ: мавсимӣ будани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар раванди таълим; арзёбии нокифояи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ; шахсӣ: заиф ва нокифоя зоҳир намудани таваҷҷуҳ ба Ватан, муносибат нисбат ба табиати кишвар; самаранок истифода карда натавонистани имкониятҳои таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар самти донишандӯзӣ оид ба Ватан ва табиати беназири он; паст будани

кобилиятҳои таҳлил ва мураттаб сохтани занҷири дурударози мантиқӣ муайян карда шудааст.

***Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот*** *дар он зоҳир мешавад*, ки маълумоти ба даст овардашударо метавон дар самти таълим, аниқтараш шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кафедраҳои дахлдор ҳангоми мураттаб сохтани барнома ва технологияи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар сурати гуногун истифода намуд. Аз ҷумла:

- коркарди дастури меъёрӣ барои ташхисии мушоҳида ва назорати динамикаи ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш;
- муайян намудани дурнамои истифодаи амалии модели сохторӣ – вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки таваҷҷуҳи омӯзгорони самти табиатшиносӣ, ҷуғофишиносон, кишваршиносон, муаррихон, биологхо, санъати тасвирӣ ва ғайра нисбатан зиёд аст;
- мураттаб сохтани тавсияҳои амалӣ ва апробатсияи шаклҳои беҳтарин ва самаранокии ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ дар семинарҳои таълимӣ-методӣ, семинарҳои назариявии кафедравию донишгоҳӣ;
- коркарди тавсия ва пешниҳодҳо барои такмили минбаъдаи таъмини аппарати илмӣ – методии раванди таҳкикот, ки дар амалияи муассисаҳои таълимии тахассусӣ ба амал татбик шудаанд, дар самти навиштани таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад мавриди истифода карор гирифта бошад.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд:***

- ду ҷанбаи арзишҳои ватандӯстӣ: майлу рағбат ба раванд – ҳамчун раванди ташаккули муносибати боэътимод нисбат ба табиат, сарзамин, миллат, анъана, таъриху фарҳанг ва ғояҳои миллӣ, ки дар натиҷа ба дигаргунсозии муносибат ба ин арзишҳо оварда мерасонад; инчунин майлу рағбат ҳамчун натиҷа, яъне доро будан ба донишҳои фарох оид ба Ватан, ки як қатор хусусиятҳо, аз ҷумла зодгоҳ, маҳалли зист, анъанаҳо, таърих, фарҳанг, табиати маҳал, мавқеи географӣ, муқаддасот, хислатҳои миллӣ, халқ, оила, давлат, ватандӯстӣ, карз, шараф, ки образи эстетикӣ ва ҳомии Ватанро таҷассум менамояд ва пеш аз ҳама образи Ватан муҳимтарин арзёбӣ шудаанд;
- ҳамчун дурнамо доштани истифодаи имкониятҳои педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳрой ва комплексӣ, дорои захираҳои муҳим ва имкониятҳои мувофиқ барои ташаккули майл ба Ватан ҳамчун арзиш дар донишҷӯён: аксиологӣ, маърифатӣ; иҷтимоикунонӣ, иттилоотӣ – мундариҷавӣ; эҷодӣ – арзишӣ; ташкилӣ – вазифавӣ ва ғайра;
- алоқамандии шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ муайян карда шуданд
- модели сохторӣ – вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар алоқамандӣ бо ҷузъҳои сохтории он коркард шудааст, ки барои пешгӯии амалишавии натиҷабахши мақсади гузошташуда дар асоси истифодабарии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳрой ва комплексӣ имконият медиҳад;
- комплекси илмӣ – методии таъмини ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки дорои барномаи ҳамгиро: заиф, фаъол, ҳамфаъол ва таҷрибаомӯзиҳои саҳрой ва комплексӣ; маводҳои ташхисӣ ва дидактикӣ оид ба муаммои таҳқиқшаванда асоснок карда шуданд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои пешгузошташуда, методҳои истифодашудаи таҳқиқот имкон доданд, ки натиҷаҳои асоснокн вокеии тавассути санҷиши озмоишии фарзия ва таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати педагог ба даст оварда шавад.

***Саҳми шахсии муаллиф*** дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия,

муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати __9__ нафар, аз онҳо__5__нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ __9__ нафар,

муқобили додани дараҷаи илмӣ __нест__нафар,

бюллетенҳои беэътибор __нест__нафар,

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 29-уми июни соли 2023 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раисикунандаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** — **Хоҷаева М.Ҷ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 доктори илмҳои филологӣ, профессор** — **Ҳамробоев Н.А.**

**29.06.2023с.**